# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Алишери Амирхон дар мавзуи “Ҳаёти фарҳангии вилояти Хатлон дар солҳои соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (1991-2016)” барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик)**

Муҳимияти омӯзиш ва таҳқиқи рисола дар он зоҳир меёбад, ки замони соҳибистиқлолӣ дар тамоми қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон тағиротҳои куллие ба амал омад, ки вилояти Хатлон аз он истисно нест. Дар муддати си соли соҳибистиқлолӣ дар ҳаёти фарҳангии вилояти Хатлон пешравиҳои назаррас ба амал омаданд. Дар ин ҷода хизматҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ–Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бузург буда, баҳри таъмин сулҳу ваҳдати миллӣ ва рушди соҳаи маориф равона шудааст. Ба андешаи Эмомалӣ Раҳмон, “Маориф омили муҳимтарини наҷоти миллат ва таҳкими давлат аст. Инкишофи соҳаи маориф ҳадафи стратегии сиёсати давлати Тоҷикистон мебошад”.

Дараҷаи таҳқиқоти омӯзиши мавзуъ ба талабот мувофиқ буда муаллиф раванди рушди ҳаёти фарҳангии вилояти Хатлонро бо истифода аз манбаҳои боэтимод ва осори муҳаққиқони гуногун баррасӣ ва мавриди таҳлили илмӣ қарор дода, ба хулосаҳои зарурӣ омадааст.

Мақсади таҳқиқоти рисола мавриди омӯзиш қарор додани ҳаёти фарҳангии вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият (1991-2016), баррасӣ намудани рушд ва дастовардҳои он мебошанд, ки аз тарафи муаллиф таҳлилу таҳқиқи илмии худро пайдо намудаанд.

Усули таҳқиқи рисола дар такия ва усулҳои таҳқиқоти таърихӣ, объективона, адолатона, аз таърихи раванди соҳибистиқлолии Тоҷикистон, дар амал татбиқ намудани чор ҳадафи стратегии ва натиҷаи судманди он баҳри рӯшди ҷумҳури, аз ҷумла Вилояти Хатлон таввасути сарчашмаву ҳуҷҷатҳои таърихӣ ва асарҳои ёддоштӣ аз тарафи муаллифон риоя шудааст.

Навгониҳои илмии диссертатсия дар он зоҳир мешаванд, ки то ҳанӯз бо чунин ҳаҷму номгузори ва истифодаи сарчашмаву адабиёт иба омӯзиши ҳаёти фарҳангии вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар

солҳои истиқлолият (1991-2016) таҳқиқоти мукаммали илмӣ ба анҷом расонида шудааст.

Диссертант оид ба вазъи фарҳангии вилояти Хатлон дар заминаи таҳқиқоти худ доир ба пешрафти соҳаи маорифи вилоят маълумотҳои илмӣ додааст. Муаллиф оид ба пешравии соҳаи мазкур афзалиятнокии қарору қонунҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро авалиндараҷа маҳсуб дониста, дар заминаи татбиқгардонии он мисли дигар қаламрави ҷумҳурӣ дар вилояти Хатлон корҳои зиёде ба анҷом расонида шудааст.

Дар рисола ҳаёти фарҳангии вилояти Хатлон дар солҳои истиқлолият таҳлилу таҳқиқи илмӣ гардида, роҷеъ ба вазъи муассисаҳои таълимӣ ва равшаннамои маърифати ва нақши он дар баланд бардоштани фарҳанги миллӣ маълумот дода шудааст.

Ҳамин тавр, диссертатсия дар мавзуи **“Ҳаёти фарҳангии вилояти Хатлон дар солҳои соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (1991-2016)”** ба бандҳои 10, 11, 12, 14 ва 16-и “тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва увони илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016 таҳти №505 ба тавсиб расидааст, ҷавобгӯ буда муаллифи он Алишери Амирхон – сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади, аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) мебошад.

Муқарризи расмӣ:

Номзади илмҳои таърих, муаллими калони
кафедраи таърихнигорӣ ва архившиносии
Донишгоҳи милли Тоҷикистон Изатова М. Қ.

Имзои. Изатова М. Қ.– ро
Тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи милли Тоҷикистон Тавқиев Э.Ш.

14.11.2022.